**«Тасдиқ мекунам»**

**ректори ДМТ, профессор**

**___________Хушвақтзода Қ.Х.**

**«__30__»____09_____2020с.**

# Хулосаи

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

доир ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи **«Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Закарёи Розӣ ва Насируддини Тусӣ»** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа.

Диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ ба анҷом расонида шудааст.

Муаллифи диссертатсия зинаи магистратураро дар факултети фалсафаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон идома дода, онро соли 2016 бо ихтисоси психология хатм намудааст. Номбурда, соли 2016 ба зинаи докторантураи, фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа, дар назди кафедраи таърихи фалсафа дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Дар давраи таҳсил дар зинаи докторантураи фалсафа Ph.D (солҳои 2016-2019) диссертатсияи худро дар мавзӯи **«Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Закарёи Розӣ ва Насируддини Тусӣ»** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа ба анҷом расонидааст.

Роҳбари илмӣ – Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоои факултаи фалсафаи Диношгоҳи миллии Тоҷикистон.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи ичтимоии факултети фалсафа диссертатсияи **Абубакри Мирзоаҳмади Грезодаро дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Закарёи Розӣ ва Насириддини Тусӣ»** таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси хулосаи муқарризони расмии таъйиншуда аз ҷониби кафедра хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдоман ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Рисолаи мазкур ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи фалсафаи халқи тоҷик, ки бо дастовардҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ муҳиммият пайдо намудааст, яъне ба андешаҳои ахлоқии Розӣ ва Тусӣ бахшида шудааст. Мувофиқи даврабандии инкишофи афкори фалсафаи ахлоқии ин ду абармард аз дигар давраҳои таърихӣ бо ғояҳои самарабахшу ҷомеасозаш фарқ мекунад. Маҳз дар ҳамин давра андешаҳои судманди фалсафаи ахлоқии онҳо, ки сатҳи баланди маънавиро соҳибанд, эҷод гардиданд, ки дар афкори фалсафаи ахлоқӣ Абуҳотами Розӣ, Носири Хусрав, Халолиддини Давонӣ, Ибни Мискавайҳ, Абдураҳмони Хомӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абурайҳон Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмон Бадавӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Ибни Муқаффаъ Муҳаммади Хоразмӣ, Котиби Қазвинӣ дигарон, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд таҷассум гардидааст.

Муаллиф дар рисолаи худ қайд намудааст, ки мутафаккирони тоҷик дар ин давра ақидаҳои мухталифи фалсафаи ахлоқиро пешниҳод намудаанд, ки диққатҷалбкунанда буда, дар инкишофи фалсафаи ахлоқии ҷаҳонӣ нақши бориз гузоштаанд. Афкори ахлоқии ин ду

мутафаккир, ки дар ин рисола пешниҳод гардидааст, заминаи ташаккул ва инкишофи маънавиёти миллату халқиятҳои мухталиф дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, он дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи илмии афкори фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ барои инкишофи имрӯзу ояндаи соҳаи илми фалсафа ва беҳтар намудани сатҳи ахлоқӣ дар ҳаёти маънавии кишвар мусоидат менамояд. Илова бар ин, истифодаи амалии афкори мутафаккирони тоҷику форс бар зидди андешаҳои иртиҷоиву манфии замони муосир хеле саривактӣ аст.

Мақсади таҳқиқот таҳлили фалсафаи ахлоқии Закарёи Розӣ ва Насируддини Тусӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин муаллиф дар рисола мақсад ва вазифаҳои зеринро иҷро намудааст, ки иборатанд аз:

- талил намудани осори ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насируддини Тусӣ, алалхусус «Тибби руҳонӣ» ва «Ахлоқӣ носирӣ»;

- муайян намудани моҳияти андешаҳои ахлоқии Розӣ ва Тусӣ ва баррасии умумияту фарқияти усули куллии фалсафаи ахлоқии онҳо;

- муайян намудани равиши ақлгароии фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ;

- таҳлили меъёрҳои ахлоқӣ дар таълимоти Розӣ ва Тусӣ ва баррасии пайвастагии андешаҳои онҳо;

Муаллиф дар рисола қайд мекунад, ки давраҳои ташаккул ва инкишофи афкори фалсафаи ахлоқи, махсусан фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ ҳамчун сарчашма ва заминаи инкишофи фалсафаи ахлоқии муосири тоҷик баромад менамояд. Афкори фалсафаи ахлоқии ориёӣ ва фарҳанги исломӣ бошанд, ҳамчун сарчашмаҳои ташаккул ва инкишофи андешаҳои фалсафии ин ду мутафаккир ба ҳисоб меравaнд. Дар давраҳои минбаъдаи инкишоф, андешаҳои фалсафии Розӣ ва Тусӣ ба дигар самтҳо илм низ аз хумла, ба рушди адабиёт ва санъат, ахлоқ,

фалсафа, фарҳанг, илм, маориф ва дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа таъсири амиқ расонидаст. Дар пайравии афкори ин ду мутафаккири форсу тоҷик мактабҳои алоҳидаи фалсафию ахлоқӣ ташаккул ёфтанд. Афкори фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ дар асоси афкори фалсафаи ахлоқии бостонии ориёӣ махсусан, Зарвония ва Зардуштия ва инчунин фалсафаи ахлоқии исломӣ низ бунёдгузорӣ шудааст. Инъикоси афкори таълимию тарбиявии авестоиро мо метавонем ба таври васеъ дар осори фалсафии ин мутафаккирони тахик мушоҳида намоем.

Арзиши диссертатсия аз он иборат аст, ки муаллиф фалсафаи ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ-ро ба таври зарурӣ таҳлил карда, сарчашма ва заминаҳои шаклгирии фалсафаи ахлоқиро дар ин давраро ошкор ва таҳлил кардааст. Илова бар ин афкори фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ-ро аз нуқтаи назари фалсафаи ахлоқи мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ҳамчунин зарурияти татбиқи ин таҷрибаро дар раванди тарбияи ва ташаккули маънавиёти насли наврас дар шароити муосир ошкор кардааст.

Пешниҳодҳои мавзӯи таҳқиқотии муаллифро метавон барои машғулиятҳо аз фанҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, этика ва эстетика педагогика ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуд. Ба ғайр аз ин маводи таҳқиқотиро метавон дар мубориза бар зидди афкори тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода кард. Ин маводи таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои мухталифи фалсафаи ахлоқӣ-ро дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ олӣ кабӣ ба таври дақиқ ва саҳеҳ дарк карда, ҳамчунин самаранокии ин раванд таъмин карда шавад. Аз тарафи дигар дар амалия татбиқ намудани фалсафаи ахлоқии ин ду мутафаккир барои ташхиси

мушкилоти aзнaвсозӣ вa ислоҳоти ахлоқии хомеаи хaвони имрезa хеле муфид мебошaд.

**Нaвгонии илмӣ** дaр тaҳлили илмӣ вa мaҷмӯaвии фaлсaфaи ахлоқии Абубaкри Розӣ вa Нaсириддини Тусӣ зоҳир мегaрдaд. Дaр тaҳқиқоти мaзкур ҷиҳaтҳои зерин нaвгонии онро тaшкил медиҳaнд:

- aндешaҳои фaлсaфaи ахлоқии Абубaкри Розӣ вa Нaсириддини Тусӣ, ки дaр "Тибби Руҳонӣ" вa "Ахлоқӣ носирӣ" овaрдa шудaaст, тaҳлил кaрдa шудa, хусусиятҳои он бо хулосaҳои илмӣ нишон додa шудaaнд;

- Дaр нaтиҷaи тaҳлили муқоисaвии aнҷомёфтa, муaйян шудaaст, ки Нaсириддини Тусӣ дaр рaвaнди aқлгaроийии Абубaкри Розиро дaр бaррaсии мaсоили фaлсaфaи ахлоқӣ идомa додaaст;

- Тaвaҷҷӯҳи Розӣ вa Тусӣ бa илмҳои дaқиқ бaррaсӣ шудa, тaмоюли мутaфaккирон бa фaлсaфaи aқлгaро муaйян вa собит гaрдидaaст;

- Аввaлин бор тaдқиқотҳои фaйлaсуфони муосири тоҷик, ки бa омӯзиш вa тaҳлили aфкори фaлсaфaии Розӣ вa Тусӣ, aз ҷумлa фaлсaфaи ахлоқии онҳо бaхшидa шудaaнд, aрзёби вa тaҳлил шудaaнд;

- тaъсири aфкори фaлсaфaи ахлоқии Розӣ вa Тусӣ бa инкишофи aфкори минбaъдaи мутaфaккирони вaтaнӣ вa хориҷӣ бaррaсӣ гaрдидa, aҳaммияти aмaлии он дaр рушди фaлсaфaи ахлоқии муосир вa сaмaрaнок гaрдидaни рaвaнди тaрбияи ахлоқии нaсли нaврaс дaр шaроити муосир ошкор кaрдa шудaaст.

**Асосҳои нaзaриявӣ-методологии тaҳқиқот** дaр тaҳлили ҳaмaтaрaфaи муқоисa, муносибaти системaноку объективият зоҳир мегaрдaд. Асосҳои нaзaриявӣ-методологии тaҳқиқоти мaзкурро aфкори мутaфaккирони тоҷику форс оид бa тaрбияи ахлоқӣ, фaлсaфaи ахлоқӣ, осори илмӣ-фaлсaфӣ вa ахлоқӣ тaшкил менaмоянд. Бинобaр ин, муaллиф бa aфкори мутaфaккирони

тоҷику форс, аз қабилӣ: А. Розӣ, Н. Хусрав, Ҷ. Давонӣ, Ибни Мискавайҳ, А. Ҷомӣ, А. Дақиқӣ, А. Берунӣ, А. Форобӣ, Ибни Сино, А. Бадавӣ, Ғаззолӣ, Ибни Муқаффаъ М. Хоразмӣ, К. Қазвинӣ ва дигарон такя кардааст. Илова бар ин, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди Де Бура, Ю. Руск, П. Краус, М. Меерхоф, А. Арбери, Р. Велзер, А. Корбен, Л.Е. Гудман, Д.Ж. Сартон, М. Наҷмободӣ, С.М. ТАботабоӣ, А. Иқбол, М. Муин, А. Ҳикмат, А. Ҳалабӣ, М. Муҳақиқ, А.И. Оштиёнӣ, П. Азкоӣ, И. Ҳ. Куҳсарӣ, А. Бадавӣ, М. Ал-Фахури, У. И. Каримов, М. Усмонов, А. М. Баҳоваддинов, Ғ. Ашуров, М. Диноршоев, А. Шарипов, Н. Арабзода, М. Исоев, С. Ҳайдарова, М. Т. Разавӣ, М. Зинҷонӣ, Н. Пурҷовадӣ, М. Минавӣ, Б. Алавӣ, А. Р. Ҳайдарӣ, Ғ. Динонӣ, Ҳ. М. Ҳамдонӣ, Гривус, Хайд, М. Хортен, К. Брокельман, И. Ю. Крачовский, А. К. Закуев, Г. Д. Мамедбейли, Ш. Ф. Мамедов, А. К. Рзаев, М. Н. Болтаев М. Раҷабов, Н. Идибеков, Р. Комилов, М. Исоев, М. Мирбобоев, А. Шамолов, У. А. Ғаффорова, Н. Ю Салимов, ва ғ. мавриди истифода қарор дода шудаанд. Муаллиф ба методҳои умумиилмӣ ва махсус такя намуда, аз методҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ ва сохторӣ васеъ истифода намудааст.

Диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расонидааст ва онҳо пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

1. Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти ахлоқии Н. Тусӣ. Маҷаллаи «Паём»-и ДМТ №3/7 (2017) саҳ -169-176.
2. Моҳияти фалсафаи ахлоқии З. Розӣ ва Н. Тусӣ. Ахбори АИЧТ. №3.2019. **Саҳ-**159-164.
3. Нақши ахлоқ аз нигоҳи Н. Тасӣ. Маҷаллаи «Паём»-и ДМТ. №5, 2018. Саҳ-148-154..
4. Нигоҳе ба осори ахлоқии Абубакри Розӣ. Маҷаллаи «Паём»-и ДМТ. №3, 2018 Саҳ-130-134

Диссертатсияи Абубакри Мирзоҳамади Грезода дар мавзӯи **“Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насиридини Тусӣ”** ба ихтисоси 6D020100-фалсафа мувофиқат мекунад ва он барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм, 6 нафар номзади илм.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 15 нафар; “зид” – нест; “бетараф”, - нест. Суратҷасаи № 4 аз 26.04.2020.

**Раисикунанда дар ҷаласаи кафедра,**
**д.и.ф. дотсенти кафедраи таърихи**
**фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ ___________Муминов А.И.**

**Котиб, н.и.ф., дотсент ___________Амондуллоев Б.С.**

**Имзои Муминов А.И. ва Амондуллоев Б.С.-ро**

**Тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо**

**ва корҳои махсуси ДМТ ______________ Тавқиев Э.**